***Ҷӯрабоев Ҷамшед Ҳабибуллоевич,***
*ректор, сармуҳаррири маҷаллаи «Ахбори ДДҲБСТ»-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

## ДОНИШГОҲ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ҶАҲОНИ МУОСИР

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон самараи неки Истиқлолият буда, имрӯзҳо дар арафаи воқеаи сурурбахш - таҷлили 20-солагии таъсиси махзани илму маонӣ қарор дорад. Донишгоҳ алҳол бо ташаккули ҳамаҷиҳатаи самтҳои фаъолияти худ дар равнақу шукуфоии низоми таҳсилоти олии касбии мамлакат ҳамчун боргоҳи маърифат ва маскани тарбияи наслҳои созандаву мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон мавқеи устувор ва шоистаи худро касб кардааст. Ин нуктаро Сарвари давлатамон зимни сафарҳо ва мулоқоташон бо устодону донишҷӯёни донишгоҳ низ иброз доштаанд. Ду ташрифи роҳбари давлат ба донишгоҳ худ далели рӯшани таваҷҷӯҳи хосаи Президенти кишвар на танҳо ба ин макони сабзиши нерӯҳои пурқудрати зеҳнӣ, балки ба ташаккули тамоми соҳаи маорифи кишвар ба шумор меравад. Ҷаноби Олӣ ҳини ташрифашон ба муносибати таҷлили 15-солагии донишгоҳ ин нуктаро таъкид намуданд: "*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳарчанд ҷавон аст ва акнун фосилаи 15 соли фаъолиятро паси сар менамояд, мо метавонем мавҷудияти ин боргоҳи маърифатро ҳам ҳосилу самараи неки соҳибистиқлолии кишвар маънидод намоем. Зеро ин махзани маърифат баробар бо марҳалаи нави таърихии мамлакат - Истиқлолияти давлатӣ ба фаъолият огоз намуда, ҳастии он бо дарназардошти ниёзҳои ҷомеаи навин ва талаботи кунунии таҳсилоти олӣ пайрезӣ шудааст*" (4, 4).

Омӯзиши таърихи донишгоҳ нишон медиҳад, ки он дар тӯли 20 соли мавҷудияташ ба яке аз муассисаҳои бонуфузи соҳаи маорифи кишвар табдил ёфта, имрӯз бо умеди тоза ҷониби оянда қадамҳои боэътимод мегузорад.

Давраи таъсиси донишгоҳ барои кишвари нав соҳибистиқлолгаштаи Тоҷикистон давраи басо марҳаласоз буд. Маҳз дар ҳамин солҳои вазнину пуртазод аввалин хиштҳои бинои бегазанди сулҳ, ваҳдат ва рушди Тоҷикистон гузошта шуданд. Пеш аз ҳама, моҳҳои ноябр – декабри соли 1992 баргузор гаштани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оғози раванди сулҳи тоҷикон заминаи боэътимод гузошта, ҳукумати қонунии мамлакатро барқарор ва боварии халқро баояндаи дурахшон қавӣ гардонид (3, 24).

Расидан ба Истиқлолият воқеан ҳам ба талошҳои маънавии тоҷикон мазмуни тозаи созанда бахшид. Новобаста ба идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ, бӯҳрони сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ, касоди маънавӣ дар ҷомеа мардуми шарифи тоҷик, хосатан қисмати маънавиятпарвари он, чароғи илму маърифатро фурӯзон кард. Дар ин давра дар минтақаҳои мухталифи кишвар

муассисаҳои нави таълимиву илмӣ созмон ёфтанд, ки аз фитрати маънависозӣ мардуми тоҷик далолат мекарданд.

Муҳити созандаву созгоре, ки дар донишгоҳ роҳандозӣ мешавад, татбиқи мантиқии сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор рафта, онро чун омили асосии ноил гардидан барои пешбурди кори таълиму тарбия ва илм дар ин макони маърифат ҳисобидан мумкин аст.

Агар саҳифаҳои таърихи донишгоҳро варақгардонӣ намоем, ба хубӣ маълум мегардад, ки таъсиси ин махзани бузурги илму ирфон ҳамчун падидаи умедбахши замони Истиқлолият бо марҳалаи нави таърихи Тоҷикистон, давраи худшиносию худогоҳии миллӣ пайванди қавӣ дорад. Аз рӯзҳои нахустини фаъолияти худ муассисаи олии таълимии мо тарбияи маънавии ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардумро вазифаи муқаддас ва рисолати таърихии худ шинохт ва дар заминаи тарбияи мутахассисони соҳибмаълумот хизматҳои шоистаро ба ҷо овард. Донишгоҳ бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон №364 аз 5 августи соли 1993, қарори Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) №98 аз 31 марти соли 1994 таъсис ёфта, ҳамчун маскани тайёр кардани кадрҳо дар самтҳои ҳуқуқшиносӣ, идоракунӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ, соҳибкорӣ, молия, системаи ахборӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Дар ин раванд дар донишгоҳ корҳое ба сомон ва тадбирҳои зарурие амалӣ шуданд, ки ба мустаҳкамшавии пояи моддӣ-техникӣ, такмили сифати раванди таълим, ривоҷи робитаҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимию илмии ватанию хориҷӣ, раванди ҳамгироии кори таълиму тарбия ва дохил шудани он ба низоми таълими ҷаҳони муосир имконияти мусоид фароҳам оварданд (4,11).

Нақш ва мавқеи олими варзидаи соҳаи кооператсияи тоҷик, Иқтисодчии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, шодравон Арслонбек Ғозибеков дар рушд ва ташаккули донишгоҳ хеле назаррас аст. Таҳти роҳбарии ин инсони накӯном, ки аз соли 1994 то 1999 дар вазифаи ректори донишгоҳ кор кард, ҷомеаи меҳнатӣ мақом ва манзалати худро дар давраи душвори гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ пайдо намуд. Устодони донишгоҳ шогирдони хешро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтиром нисбат ба халқу Ватан, ҷамъият, калонсолон, қонун, расидан ба қадри меҳнати падару модар ва гузаштагони худ тарбия менамуданд.

Аз моҳи декабри соли 1999 доктори илмҳои фалсафа, профессор, Арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ризоқулович Пӯлодов ба вазифаи ректори донишгоҳ таъин гардид. Бо иқдоми роҳбари нави донишгоҳ масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим, илм, тарбияи кадрҳо ва ғайра самтҳои нави фаъолият ҳаллу баррасии худро пайдо намуда, пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳ мустаҳкам шуд. Дар ҳамин давра маҳз бо дастгирии бевоситаи Сарвари давлат Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №7-Р аз 3 феврали соли 2000 бинои шашошёнаи иттиҳодияи «Ирсовхозстрой»-и Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба ихтиёри донишгоҳ вогузор карда шуд (5,48).

Доктори илмҳои таърих, профессор Осимҷон Қосимович Каримов ба ҳайси ректори донишгоҳ (солҳои 2006-2012) ба татбиқи сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф шурӯъ кард. Дар ин марҳала дар ҷодаи ислоҳоти раванди таълиму тарбия, ташаккули фаъолияти илмӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои моддию техникии донишгоҳ силсилаи тадбирҳои судманд анҷом ёфтанд. Муҳимтарин дастоварди ин марҳалаи рушди донишгоҳ бо иштироки Сарвари давлат Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз ёфтани корҳои сохтмонӣ (9 сентябри 2008, ба муносибати 15-солагии донишгоҳ) ва дар муддати се сол (5 августи соли 2011) пурра ва дар вазъияти тантанавӣ ба истифода супорида шудани бинои нави таълимии донишгоҳ маҳсуб мешавад.

Дар шафати бинои асосӣ ошхона барои 100 нафар ва даромадгоҳи ду факулта (моҳи августи соли 2007) қомат афрохт, бинои хобгоҳи Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ба тавозуни донишгоҳ гирифта шуда, пас аз таъмири босифат 24 сентябри соли 2008 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Дар натиҷа барои 300 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдаст шароити зисти мусоид фароҳам омад.

Имрӯз аҳли донишгоҳ дар арафаи воқеаи фараҳбахш - ҷашни 20-солагии махзани илму маонӣ қарор дорад. Таҳияи асарҳои нави илмӣ-оммавӣ, назариявӣ, баргузории силсилаи ҳамоишҳои фарҳангиву фароғатӣ, илмӣ, мулоқотҳои шавқовар, вусъати корҳои ободонию созандагӣ номгӯи мухтасари тараддудҳои гуворои аҳли донишгоҳ маҳсуб мегарданд. Дастовардҳои шоистаи устодону муҳассилин, ки ба истиқболи ҷашни муборакi 20-солагии донишгоҳ ба он соҳиб шудаанд, армуғони арзанда ба ин ҷашни саид метавон ҳисобид.

Донишгоҳи мо доираи ихтисосҳои хешро васеъ намуда, ҳамчун боргоҳи маърифатӣ ва маскани тарбияи наслҳои созандаву мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон дар равнақу шукуфоии мамлакатамон нақши муассир мегузорад.

Дар тӯли таърихи фаъолияташ сатҳи таълиму тарбия, дастовардҳои илмӣ ва пояҳои моддиву техникии донишгоҳ ба талаботи стандартҳои умумиҷаҳонӣ ҷавобгӯ гардид ва раванди таълим дар бинои наву замонавӣ имкон фароҳам овард, ки донишҷӯён бо истифода аз имконоти муосир барои такмили маърифат ва дониши хеш талош варзанд.

Имрӯз донишгоҳ ба яке аз марказҳои мӯътабари илму таҳсил дар кишвар мубаддал гардида, алҳол аз 330 нафар устодони донишгоҳ 22 нафар докторони илм, профессорон ва 112 нафар номзадҳои илм ба фаъолияти пурсамар машғуланд. Агар дар соли аввали таъсисёбиаш донишгоҳ дорои ду факултет ва 300 нафар муҳассилин бошад, имрӯз теъдоди факултетҳо ба шаш адад расидааст. Теъдоди умумии донишҷӯён дар донишгоҳ зиёда аз шаш ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ҳайати профессорону омӯзгорон дар 26 кафедра аз рӯи 22 ихтисосҳои наву замонавӣ дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, молия, сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ, бизнес ва идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва андоз, инноватсия ва телекоммуникатсия ба муҳассилин дарс мегӯянд. Натиҷаи ин заҳматҳои пайвастаи устодони ғамхор аст, ки донишҷӯён пайваста

дар озмуну олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ба натиҷаҳои баланд соҳиб мешаванд.

Имрӯзҳо фаъолияти илмию таълимии донишгоҳ дар партави дастуру ҳидоятҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз суханрониашон дар маросими ифтитоҳи бинои Маркази миллии тестӣ роҳандозӣ шудааст, ҷараёни бомаром пайдо менамояд. Ҷаноби Олӣ дар шароити пешрафти босуръату бесобиқаи илму техника, сатҳи тараққиёти кишварҳои олам вазифаи имрӯзаи соҳаи маорифро аз дараҷаи истифодаи ғояҳои замонавӣ, технологияҳои пешқадам, татбиқи усулҳои инноватсионӣ, робитаи мустаҳками илму истеҳсолот ва вусъати тафаккури илмиву иттилоотӣ, ташаккули сатҳу сифати тарбияи ҷавонони соҳибмаърифат ва донишманду навовар марбут медонанд (1,1).

Дар донишгоҳ доир ба равияҳои гуманитарӣ ва фанҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: ҳуқуқшиносӣ, менеҷмент, иқтисодиёт, идоракунӣ, тиҷорат, шабакаи иттилоотӣ, сиёсатшиносӣ, минтақашиносӣ таҳсил ба роҳ монда шудааст.

Такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ба шумор меравад. Дар донишгоҳ Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо ва Маркази таълимии "Маърифат" ҷиҳати ташкили курсҳои такмили ихтисос аз рӯи равияҳои ҳуқуқшиносӣ, иқтисодӣ, низоми иттилоотӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддат дар самтҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, аудит, андоз, технологияҳои низоми иттилоотӣ, забонҳои англисӣ, арабӣ, хитоӣ ва русӣ амал менамоянд.

Барои муайян кардани сатҳи сифати фаъолияти таълимии устодони донишгоҳ баҳогузории рейтингии омӯзгорон гузаронида шуд. Ҳадафи ниҳоии низоми баҳодиҳии рейтингии фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорон баландбардории самаранокии кор ва рақобатпазирии ҷомеаи илмӣ-омӯзгории донишгоҳ ва беҳтаркунии сифати тайёркунии мутахассисон ба ҳисоб меравад.

Донишгоҳ аз соли 2007 ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилоти касбӣ дохил шуд ва айни замон ҳамаи донишҷӯёни шӯъбаи рӯзона бо низоми кредитӣ таҳсил доранд. Аҳамияти низоми кредитии таҳсил дар он ифода мегардад, ки он иштироки ҳамарӯзаи донишҷӯёнро ба машғулиятҳо тақозо мекунад, зеро туфайли иштироки фаъолона дар машғулиятҳо донишҷӯй соҳиби хол мегардад. Расидани дараҷаи донишазхудкунии донишҷӯён то ба 96 фоизро метавон самара ва натиҷаи гузариш ба низоми кредитии таҳсил арзёбӣ кард.

Донишгоҳ ба шабакаи интернет ба таври доимӣ, бе маҳдудияти ҳаҷми интиқоли иттилоот пайваст аст. Барои ҳамаи устодону донишҷӯён истифодаи интернет ройгон мебошад. Тавассути барномаи «Alfa-Xpress» холҳои донишҷӯён ба хазинаи иттилоот ворид ва ба волидони муҳассилин дастрас гардонида шудааст.

Ташаккули низоми иттилоотиву инноватсионӣ имрӯз яке аз ҳадафҳои асосии раёсати донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина алҳол рӯз то рӯз густариш ёфтани низоми иттилоотию иноватсионии раванди таълиму илм, таҳияи синфхонаҳои компютерӣ, лабораторияҳо, татбиқи низоми мутамаркazонидашудаи қабули имтиҳону санҷишҳо тавассути марказҳои тестӣ тақозо менамояд, ки донишгоҳ пайваста дар фазои ягонаи иттилоот бошад. Дар

иртибот ба ин имрӯз донишгоҳ инъикоси тамоми самтҳои фаъолияти худро тавассути интернет-сомонаи www.tsulbp.tj дар шабакаи глобалӣ васеъ ба роҳ монда, ҷиҳати таҳкими иртиботи муштариён бо муассиса саҳифаи махсуси «Қабулгоҳи электронӣ»-ро таҳия намудааст.

Дар донишгоҳ корҳои илмию тадқиқотӣ аз рӯи самтҳои назарияи иқтисодӣ, таърих, асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёд, забоншиносии муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, масъалаҳои асосии инсон дар фалсафа, сиёсатшиносӣ, муодилаҳои диференсиалӣ, алгебра ва назарияи ададҳо, ташаккули низоми инноватсионӣ ва телекоммуникатсионӣ ва ғайраҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар назди донишгоҳ таъсис ёфтани магистратура ва докторантура фазои корҳои илмӣ-тадқиқотиро боз ҳам васеъ гардонид. Магистратура аз рӯи 5 ихтисос: сиёсатшиносӣ, молия ва қарз, иқтисодиёти ҷаҳон, менеҷмент, технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт магистрҳоро қабул мекунад. Докторантура аз рӯи равияҳои назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёт ва идоракунии соҳаҳо фаъолият менамояд.

Нашри мақолаву асарҳои илмӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти таълимию илмии донишгоҳ маҳсуб меёбад. Танҳо дар соли хониши 2012-2013 зиёда аз 410 мақолаҳои илмӣ ва 61 монография, китоб ва дастурҳои таълимӣ аз ҷониби олимони донишгоҳ ба нашр расиданд.

Ҷиҳати мутамарказонидани нерӯҳои зеҳнӣ дар раванди корҳои пажӯҳишӣ дар донишгоҳ муттасил чораҳои мушаххас андешида, раёсати донишгоҳ кӯшиш дорад, ки сафи олимони донишгоҳро аз ҳисоби ҷалби мутахассисон ва тайёр намудани кадрҳои соҳибунвони илмӣ тавассути аспирантура, докторантура ва унвонҷӯӣ зиёд намояд. Дар ин самт нақши шӯъбаи аспирантура ва докторантураи донишгоҳ хеле назаррас мебошад.

Дар робита ба ин тӯли солиёни охир ворид шудани тағйирот ба низоми сохтории донишгоҳ, аз ҷумла ба раёсати илм табдил дода шудани шӯъбаи илм, таъсиси раёсати таълим, Парки технологӣ (17.09.2012) ва дар низоми он ба фаъолият оғоз намудани полиграфия, тармиму таъмири компютерҳо, фаъолияти дизайнерӣ ва ғайраҳо, шӯъбаҳои табъу нашр, технологияи инноватсионӣ, таъсиси Маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ, Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо (аз ибтидои соли хониши гузашта) ва амсоли инҳо ба густариш ёфтани фаъолияти илмию таълимии донишгоҳ мусоидат карданд. Иҷозат дода шудан барои фаъолияти докторантура, магистратура, пазируфта шудани донишгоҳ ба аъзогии Китобхонаи байналхалқии илмии виртуалии Тоҷикистон, ба тасвиб расонида шудани силсилаи шартномаҳои муфиди ҳамкорӣ ҳам дар соҳаи илм ва ҳам дар соҳаи таълим дар ташаккули самтҳои илмии донишгоҳ ва раванди омода намудани кадрҳои соҳибтахассус, ба иловаи ихтисосҳои мавҷуда роҳандозӣ гардидани ихтисосҳои наву замонавии аудит ва ревизия, таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (муносибатҳои сиёсии берунӣ), технологияҳои иттилоотию идоракунии телекоммуникатсионӣ, таърих-сиёсатшиносӣ, бизнес – маъмуриятчӣ, Web-дизайн ва графикаи компютерӣ ва монанди инҳо омили муҳими пешрафт гардиданд. Ҳамзамон ташкилу баргузории ҳамоишҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла конференсияи илмӣ-

назариявии ҷумҳуриявии “Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ноябри 2012), “Масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ дар замони муосир: назария ва амалия” (ноябри соли 2013) ҷиҳати боз ҳам равнақ ёфтани ҷараёни корҳои илмию тадқиқотии донишгоҳ такони тоза бахшида дар рушди тафаккури маънавии ҷомеа нақши муассир гузоштанд.

Дар донишгоҳ доираи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ пайваста густариш меёбад. Олимони донишгоҳ аз рӯи 10 самти дурнамои илмӣ фаъолияти худро тақвият медиҳанд. Аз моҳи ноябри соли 2012 Шӯрои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯи 2 ихтисос, назарияи иқтисод ва иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақа) амал мекунад. Дар ин Шӯро 11 нафар олимони ҷавон рисолаҳои худро ҳимоя намуданд, ки 7 нафарашон олимони ҷавони донишгоҳ мебошанд.

Ҷалби устодон ба корҳои илмӣ ва туфайли он сазовор гардидан ба дастовардҳои нав ба нави илмӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолият аст, ки пайваста таҳти таваҷҷӯҳ ва ғамхории раёсати донишгоҳ қарор дорад. Туфайли ин эътибори доимӣ ҳамасола муҳаққиқони ҷавони донишгоҳ ба сафарҳои хизматӣ ба марказҳои муҳими илмии кишварамону берун аз марзи он фиристода ва барои ҳимояи бомуваффақияти рисолаҳои номзадию докторӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешаванд. Ҳар сол аз ҷониби 10-12 нафар муҳаққиқони ҷавони донишгоҳ ҳимоя шудани рисолаҳои номзадӣ далели ин гуфтаҳост.

Дар донишгоҳ ба масъалаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ беш аз пеш таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад. Ҳамин аст, ки бисёре аз омӯзгорону муҳассилин дар ин ҷода ба дастовардҳои назаррас соҳиб мешаванд. Аз ҷумла, соли гузашта ду ихтирооти дар ҳаммуаллифӣ бо донишҷӯён баанҷомрасонидаи омӯзгори донишгоҳ Мазбутҷон Лутфуллоев ба озмуни олимони ҷавон “Ихтироъкори беҳтарин” пешбарӣ гардид. Як ихтирооти ӯ дар ин озмун дар бахши илмҳои гуманитарӣ сазовори ҷои сеюм гардида, ихтирои дигараш бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадршиносӣ шуд.

Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ, ки порсол дар ду марҳала дар вилояти Суғд ва Хатлон доир гардид, донишҷӯёни мо сазовори ҷойҳои намоён гардиданд. Аз ҷумла, аз фанни таърихи халқи тоҷик ҷойҳои якум ва дуюм, аз фанни забони русӣ ҷои дуюм, аз фанни сиёсатшиносӣ ҷои сеюм, аз фанни забони тоҷикӣ ҷои сеюм, аз фанни фалсафа ҷои чорум насиби муҳассилини донишгоҳамон гардид.

Инчунин донишҷӯи донишгоҳ дар озмуни ҷумҳуриявии «Ҳофизхонӣ» иштирок намуда, сазовори Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Донишҷӯёни дар олимпиада сазовори ҷойҳои намоён гардида ва роҳбарони онҳо тибқи Низомнома ва қарори Шӯрои олимони донишгоҳ қадршиносӣ гардиданд.

Китобхонаи илмии донишгоҳ дорои бештар аз 20 ҳазор нусха адабиёт аст. Инчунин аз ҳисоби барномарезии компютерӣ ва шабакавӣ китобхонаи электронӣ ва китобхонаи виртуалӣ фаъолият доранд. Китобхонаи электронии донишгоҳ дорои 6578 адад мавод мебошад.

Барои пешбурди корҳои тарбиявӣ дар донишгоҳ ҳуҷҷати муҳим – Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи арзанда дорад. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботи ин ҳуҷҷати муҳим, баҳри сифатан беҳтар намудани кори тарбия дар донишгоҳ тасмиму талоши созанда давом доранд. Дар соли 2013 беш аз 100 чорабинии мухталифи тарбиявӣ ва фарҳангӣ доир гардиданд, ки маҳфили «Президенти мо – ифтихори мо» ва 17 барномаи фарҳангии пурмӯҳтаво ба ифтихори санаҳои таърихӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дастаи «SIFE»-и (“Донишҷӯён дар соҳибкории озод”) донишгоҳ комёбиҳоро афзунтар гардонида, он дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ҷои аввалро ишғол кард ва дар озмунҳои ҷаҳонӣ ширкат варзид. Дар маҷмӯъ ин дастаи худфаъоли зеҳнии донишгоҳ 5 маротиба чемпиони мусобиқаҳои миллӣ гардида, дар 5 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, шарафи тоҷикону Тоҷикистонро баланд бардошт.

Дастаи ҳозирҷавобони шӯхтабъи донишгоҳ (КВН), ҳамчунин дар чемпионати байни дастаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ (соли 2007) ғолибият ба даст овард.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти донишгоҳ, ки ба сатҳу сифати таълим таъсири мусбӣ мерасонад, густариши робитаҳои байналхалқӣ мебошад. Аз ҷониби донишгоҳ бо 14 муассисаи илмию таълимии Федератсияи Русия, бо 6 муассисаи ватанӣ, бо 3 муассисаи Ҷумҳурии Қирғизистон, бо 1 муассисаҳои Қазоқистон, Ҷопон, ИМА, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, Финляндия, Украина, Белоруссия, Хитой, Ҳиндустон созишномаҳо ба имзо расиданд. Дар маҷмӯъ донишгоҳ бо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таълимӣ ва фарҳангии ватаниву хориҷӣ 32 созишнома ба имзо расонидааст.

Ҳоло дар донишгоҳ 14 нафар шаҳрвандони хориҷӣ таҳсил менамоянд, ки онҳо аз Ҷумҳуриҳои Туркманистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Кореяи Ҷанубӣ мебошанд.

Курси дарозмуддати омӯзиши забони англисӣ (ба муддати як сол, давоми соли хониши 2012-2013) барои кормандон ва омӯзгорони донишгоҳ аз тарафи мутахассиси Барномаи омӯзиши забони англисии сафорати ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сара Картер ба тариқи ройгон гузаронида шуда, якчанд нафар олимони донишгоҳ пас аз анҷоми ин барнома соҳиби сертификат гардиданд. Дар донишгоҳ омӯзиши забони хитоӣ барои омӯзгорону донишҷӯён ибтидо аз майи соли 2013 дар асоси шартномаи ҳамкорӣ байни донишгоҳ ва Маркази Конфутсий ба роҳ монда шуд. Нахустин ташрифи Сафири фавқулодда ва мухтори ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикиситон Сюзан Эллиотт (10.12.2013) ба рушди ҳамкориҳои минбаъдаи байни муассисаҳои таҳсилотии Амрикою Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд.

Донишгоҳ дар самти густариши ҳамгироии илму таҳсилот иқдомҳои шоистаро амалӣ менамояд. Аз ҷумла, соли 2013 якчанд лоиҳа дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои дигар дар озмуни Барномаи Иттиҳоди Аврупо - Эразмус Мундус ва Темпус барои маблағгузорӣ қабул гардиданд:

1. Лоиҳаи Барномаи Эразмус Мундус - Central Asian Network of Economics and Manegement 2 (CANEM-2) (Шабакаи иқтисод ва менеҷменти Осиёи Марказӣ);
2. Лоиҳаи Барномаи Темпус – Foreign Languages Education for Professional Purposes (Омӯзиши забони хориҷӣ баҳри аҳдофи касбӣ);
3. Лоиҳаи Барномаи Темпус – Innolabs in Central Asia for Sustainable Innovation in the Knowledge Triangle (Озмоишгоҳҳои навоварона ба ҳайси ангезандаи навгонии устувор дар секунҷаи маърифат).

Фаъолияти лоиҳаҳо ба баланд бардоштани сифати таълим дар робита бо донишгоҳҳои Аврупо равона шудаанд.

Дастпарварони донишгоҳ-онҳое, ки дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи кишвар бо меҳнати садоқатмандона обрӯю эътибори маъвои маърифатамонро баланд мебардоранд, бешак мӯҷиби ифтихору саодати ҳар як узви ҷомеаи меҳнатиамон мебошанд. Имрӯзҳо дастпарварони донишгоҳ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат сарбаландона кору фаъолият доранд. Бо боварӣ метавон арз намуд, ки муваффақияти ҳар як нафар дастпарвари донишгоҳ муваффақияти ҳар як нафар устод ё омӯзгори ин муассиса маҳсуб гардида, ҳамзамон аз адои рисолати бузурги ин касби пуршараф дарак медиҳад.

Тавсиа ва ташаккули самтҳои фаъолияти илмӣ дар донишгоҳ, густариши раванди тадқиқоти бунёдӣ, ихтирооту эҷодкорӣ, таҳкими пояҳои моддию техникии корҳои илмӣ ва таълим, ҷалби мутахассисони варзида, зиёд кардани сафи олимон, ноил гардидан ба дастовардҳои афзун дар самтҳои илмӣ ва таълиму тарбияи кадрҳо ҳадафи меҳварии фаъолияти моро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, фароҳам овардани шароити мусоиди кор, баланд бардоштани музди меҳнат, такмили сохтор ва татбиқи роҳҳои наву пешқадами таълиму тарбия, татбиқи дастовардҳои илмӣ, хоҷагидорӣ аз зумраи масъалаҳое мебошанд, ки ба таври ҳамешагӣ дар маркази таваҷҷӯҳи раёсат қарор доранд. Дар ин замина дар масъалаи барқарор ва ба роҳ мондани фаъолияти хатти гармидиҳии бинои асосии донишгоҳ корҳо ба охир расида, раёсати донишгоҳ тасмим гирифтааст, ки дар давоми се соли минбаъда барои ба истифода додани биноҳои сохтмонашон нотамоми воқеъ дар шафати донишгоҳ, маҷлисгоҳ барои 500 ҷойи нишаст, ошхона барои 300 ҷойи нишаст, толори варзишӣ ва бинои иловагии таълимӣ корҳои ташкилиро ба роҳ монад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълиму тарбияро ҷузъи фарҳанги миллат дониста, дар яке аз вохӯриҳояшон бо аҳли зиёи кишвар вазифаи аҳли маорифро дар замони пуравҷи илму техника муайян намуда, таъкид доштаанд: *«Мактаби нави замонавӣ дар ҳазорсолаи сеюм бояд ба ҳуввияти миллӣ ва дастовардҳои навтарини илму фарҳанги башарӣ мувофиқ бошад. Барои он ки ислоҳоти соҳаи маориф амалӣ гардад, моро зарур аст, ки асосҳои моддию техникии мактабро ба сатҳи баланд бардорем, осудаҳолии муаллимон ва пешравии бозомӯзии онҳоро таъмин намоем»* (2,1).

Ҳар як нафар узви ҷомеаи меҳнатии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои амалӣ гардонидани ин ҳидояти созанда ва истиқболи сазовори ҷашни 20-солагии донишгоҳ бо ниятҳои наҷибу нақшаҳои нек ҳамарӯза саъю талош меварзанд.

**Пайнавишт:**

1. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи бинои Маркази миллии тестӣ./"Омӯзгор", 27.12.2013*
2. *Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Осорхонаи миллӣ ва мулоқот бо зиёиёни кишвар //http://president.tj/node/4130*
3. *Пӯлодов Ҳ., Исоматдинов Ҷ. Падидаи умедбахши истиқлолият. –Хуҷанд: Ношир, 2003.*
4. *Маъвои саодати маънавӣ. –Хуҷанд: Ношир, 2008.*
5. *Раҳнавардони олами маонӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2008.*

***Джурабаев Джамшед Хабибуллоевич,***
*ректор, главный редактор журнала*
*"Вестник ТГУПБП" Таджикского*
*государственного университета*
*права, бизнеса и политики*

***Университет в системе современного мирового образования***

***Ключевые слова:*** *Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, система образования, высшее профессиональное образование, система современного мирового образования, достижения ТГУПБП, система кредитного образования*

*В статье автор рассматривает путь формирования и становления ТГУПБП как современного учреждения высшего профессионального образования, входящего совместно с другими вузами Республики Таджикистан в единое мировое образовательное пространство. В статье также освещается роль ТГУПБП в развитии образования, науки и подготовке высококвалифицированных кадров для народного хозяйства как Согдийской области так и страны в целом.*

***Dj. Kh. Djurabayev***

***University in the Sysmem of Modern World Education***

***Key words:*** *Tajik State University of law,business and politics`, system of education, higher professional education, the system of modern world education, achievements of TSULBP, the system of credit education*

*In his article the authordwells on the way of TSULBP formation and development. Along with other higher schools of Tajikistan the Tajik State University of Law, Business and Politics is included into the unified world educational space. The role of TSULBP in the development of education and science is highlighted in the article. The author touches also upon the issue concerned with a preparation of highly qualified human resources for national economy of the country in general, and Sughd* ***viloyat*** *in particular.*